**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

________________________
«_3_» _______________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи **«Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович соли 2017 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси «филологияи англисӣ» хатм намудааст. Соли 2019 шуъбаи магистратураи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси «филологияи англисӣ» ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст. Ӯ ба ҳайси докторант соли 2019 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи илмиаш таҳти унвони «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар Шурои олимони донишгоҳ аз 28.02.2020 таҳти № 8/6.2 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ҷаҳонгиров шамсиддин Ҳотамқулович докторанти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

**Роҳбари илмӣ** – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин гардидааст.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Доншигоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 22.06.2022, № 14 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо иштироки муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, Мухторов Зайниддин Мухторович ва

номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Аз муҳокимаи диссерататсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи паҳлуҳои мавзуии таҳқикот дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуъ.** Калимаву истилоҳоти кулолгарӣ ҷузъи таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравад. Истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот, ки муаррифгари ҳар қавму миллат аст, алоқаи ногусататанӣ дошта, дар ганҷинаи ҳунари шахс таҷассум меёбад. Вожаву истилоҳоти ин қабати луғавӣ, ки дар низоми забон бо номи истилоҳоти кулолгарӣ маъруф аст, дар осори муаррихону мардумшиносон, ки таълифоти худро ба ин ё он ҳунари алоҳидаи дастӣ бахшидаанд, ҳувайдо мегардад.

Таъкидаш баҷост, ки ҳунари кулолгарӣ яке аз қадимтарин ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, дар дарку фаҳмиши луғоти он то ба имрӯз дастандаркорон ба мушкилоти зиёде дучор омада истодаанд, зеро истилоҳоти соҳаи мазкур мавриди омӯзишу таҳқиқи илмии қарор нагирифтааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳими омӯзиш, таҳқиқ, баррасӣ ва муқоисаи ин намуди истилоҳот дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз дастанадаркорони соҳаи кулогарӣ аз гунаҳои русии он истимоъ намуда, ниёз ба шарҳу тавзеҳи он ба забони модарӣ доштанд. Агар аз як тараф, пош хурдани давлати абарқудрати шуравӣ ва ба сифати забони давлатӣ қабул гардидани забони тоҷикӣ боиси эҷоду тавлиди истилоҳоти навини соҳавӣ гардида бошад, аз тарафи дигар, равобити фарҳангиву иқтисодӣ бо кишварҳои пешрафтаву тараққиёфта ва боз гардидани як зумра созмонҳои иқтисодӣ ба он замина гузошт.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** осори илмию назариявии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ Д.С. Лотте, А.А. Реформатский, А.В. Суперанская, В.М., В.С. Кулебакин, Я.А. Климовитский, Л. Блумфилд, Г. Смит, Ж. Вандриес, А. Мейе, Э.Сепир, М.Н. Қосимова, Ш. Рустамов, М. Рустамов, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М.Ҳ. Султон, П.Г. Нуров, Т. Шокиров, А. Мамадназаров, Ш. Ҳайитова, Ҳ. Саидов, С. Ҷоматов, Ш. Каримов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар он ҳувайдо мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти кулолгарӣ бори нахуст аз нигоҳи муқоисаву муқобала мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дар заминаи таҳқиқи диссертатсия таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар назар аст.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии диссертатсия омӯзиш, таҳқиқ, муқоиса ва муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ба шумор меравад.

Барои амалӣ сохтани ҳадафи худ зимни омӯзишу таҳлили истилоҳоти кулолгарӣ вазифаҳои зерини бо ҳам алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор гирифт:

— таҳлилу баррасии мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ;
— мушаххас намудани сарчамшмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
— таҳлили решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои қиёсшаванда;
— муайян намудани умумият, шабоҳат ва тафовути луғавию маънои истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ;
— таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
— муайян намудани роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ;
— муайян намудани нақши усулҳои маъмули истилоҳнигорӣ дар ташакули истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

**Аҳамияти илмии диссертатсия** дар он ифода мeёбад, ки маводи рисола ва пажӯҳишҳои муаллиф дар асоси вожаномаву фарҳангномаҳо ва асарҳои ҷуғрофиву таърихӣ таҳия ва бастубанд гардида, дастовардҳои илмии он барои ба низоми муайян даровардани истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Луғатшиносӣ» «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ», «Назарияи грамматика» мусоидат менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ нашр шудаанд, ки аз он 7 мақола дар мақаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Джахонгиров Ш. Х. Взгляд на историю и традиции таджикского гончарного мастерства / Ш. Х. Джахонгиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 3. – С. 23- 27.

[2-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти якҷузъаи мансуби кулолгарии забони тоҷикӣ ва аналоги онҳо дар забони англисӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2021, № 5. – С. 65 - 69.

[3-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нақши истилоҳоти иқтибосии кулолгарӣ дар рушди таркиби луғавии забони англисӣ ва шарҳи онҳо ба забони тоҷикӣ Ш.

Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. – Бохтар, 2021, № 4. қ. 2 – С. 40 - 44.

[4-М] Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. С. Бозтоби истилоҳоти кулолгарии тоҷикӣ дар асари «Тоҷикон» -и Б. Ғафуров ва муодили англисии онҳо Ш. Ҷаҳонгиров, С. С. Ҷоматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, – Душанбе, 2022, № 4 (29) – С. 92 - 96.

[5-М] Ҷаҳонгиров Ш. Шарҳу тавзеҳи истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар се сарчашма Ш. Ҷаҳонгиров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, № 4. – С. 127 - 132.

[6-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули сарфию наҳвӣ / Ш. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022, № 5(100) – С. 193 - 198.

[7-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ., Ҷоматов С. С. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули наҳвӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров, С. С. Ҷоматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022, № 6 – С. 84 - 92.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[8-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нигоҳе ба таърих ва таомули кулолгарии дастии тоҷикон / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. – Панҷакент, 2021, № 3 – С. 245-248

[9-М]. Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. Таснифоти мавзӯии истилоҳоти кулолгари забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҷаҳонгиров, С. Ҷоматов // Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума. мав. конф. илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 116-121

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсиони Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 –юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 29 сентябри соли 2022 суратҷаласаи № 2 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 15 нафар аъзои Шурои олимон иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**
«тарафдор» – 15 нафар
«муқобил» – 0 нафар.
«бетараф» – 0 нафар.

**Раиси Шурои олимони**
**факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент — Каримов Шуҳрат Бозорович

**Муқарризи холис,**
доктори илмҳои филологӣ,
ректори филиали Донишкадаи
рушди менеҷменти Сингапур
дар шаҳри Душанбе — Мухторов Зайниддин Мухторович

**Муқарризи холис,**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ — Комилов Мирато Миршаробович

**Котиби Шурои олимони факултет:**
муаллими калони кафедраи методикаи таълими
забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Ғуломов Наимҷон Хайриллоевич

«Имзоҳои Ш. Б. Каримов, З. М. Мухторов, М. М. Комилов ва Н. Х. Ғуломовро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозада Абдукарим

**Нишонӣ:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj